# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дадоҷонов Бобоҷон Ёқубҷонович дар мавзӯи “Асосҳои методии тартиб додани масъала барои истифодаи компютер дар раванди таълими математикаи мактабӣ (дар мисоли геометрия)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

**Мувофиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос, ки вай ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Зарурати таҳқиқи мавзӯъро қарори Ҳукумати Тоҷикистон “Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон намудани солҳои 2020 - 2040” водор менамояд. Дар ин санад, дар марҳалаи аввал таҳия ва татбиқи “Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021–2025”, “Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои давраи то соли 2030” ба нақша гирифта шудааст.

Таҳлили мантиқӣ-психологии пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳумҳои математика (геометрия), имконият ва мақсаднок будани омӯзиши мафҳумҳои назариявӣ лар синни наврасӣ, коркарди маҷмӯаи масъалаҳои таълимӣ, моделсозии компютерии амалиётҳои таълимӣ ва иҷрои он, усулҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ дар раванди ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагон дар таълими математика ва ғайра пешниҳод гардидааст. Методикаи таълими коркардшуда, ки ба инкишофи маърифати математикӣ, воситаҳои тафаккури назариявӣ, мантиқӣ ба мазмуни соҳаи «илмҳои педагогӣ» ва шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти олии касбӣ)» мувофиқ мебошанд.

Таҳлили асосҳои педагогӣ, психологӣ ва методии истифодаи компютер дар раванди таълим ба диссертант имконият додааст, ки такя ба баррасиву таҳлили адабиётҳои илмӣ-методӣ марбут ба муаммои таҳқиқот мафҳумҳои масъалаҳои таълимӣ, фарқияти асосии масъалаи таълимӣ аз масъалаҳои дигар, имконияти системаи масъалаҳои таълимӣ барои тақсимоти функсияҳои идоракуни байни компютер ва хонанда, гузаришро аз омӯзиш ба худомӯзӣ, фаъолияти таълимӣ, сохтори фаъолияти таълимӣ, компютерикунонии таълим ҳамчун низоми дидактикӣ, ташаккули фаъолияти таълимӣ; таъмини мотиватсионии он; шаклҳои робитаи фаъолияти омӯзгор ва татбиқи компютер ва ғайраро муайян менамояд.

Таҳлили матиқӣ-психологии гометрия ҳамчун фан муқаррар кард, ки азбаски геометрия бо муаррифии аёнӣ алоқамандии зич дорад. Муқаррар гардид, ки байни шакли аёнӣ, ҳиссиву тоқа ва тасаввуроти дар он инкишофёбандаи умумӣ ихтилофи амиқ ҷой дорад. Системаи масъалаҳои таълимии коркардгардида, ки объекти онҳо аз нуктаи назари ҳаётӣ ғайриодӣ ба ҳисоб меравaнд, барои шаклгирии мафҳумҳои назариявии геометрия истифода бурдан мумкин аст.

Кори озмоишӣ - таҷрибавӣ самаранокии маҷмӯаи масъалаҳои таълимии коркардшуда (объектҳои онҳо аз нигоҳи зиндагии рӯзмарра ғайриодӣ ҳастанд) барои шаклгирии мафҳумҳои назариявӣ ва моделсозии компютерии амалиёти таълимӣ ва иҷрои он шаклгирии мафхум муносибатҳои назариявӣ тариқи ҳисобҳои математикӣ собит гардидааст

Натиҷаи омории таҳқиқот нишон дод, ки фарзияи диссертант «моделсозии компютерии амалиёти таълимӣ ва иҷрои он ба ташаккулёбии муносибатҳои назариявии хонандагон шароити бештар фароҳам оварда метавонад», дуруст аст.

Таҳлили динамикаи ташаккули сатҳи ташаккулёбии тафаккури назариявии хонандагон бо истифодаи технологияҳои муосир зимни таълими фанни математика исбот гардид ва омӯзиши имкониятҳои хонандагони наврас дар азхудкунии ғояҳои геометрияи муосир арзиши илмии диссертатсияро меафзояд

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Дадоҷонов Бобоҷон Ёқубҷонович дар мавзӯи «Асосҳои методии тартиб додани масъала барои истифодаи компютер дар раванди таълими математикаи мактабӣ (дар мисоли геометрия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи касбӣ) ба ҳимоя пешниҳод ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва худи муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:

Номзади илмҳои психология, дотсент, мудири кафедраи психологияи ДМТ Амонов Нодир Қодирович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17

Тасдиқ мекунам

Сардори РК ва корҳои махсуси ДМТ Э. Тавкиев